ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ФАКУЛТЕТИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

Бо қарори Шурои олимони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 7-уми октябри соли 2025, №2 тасдиқ шудааст.

Раиси Шурои олимони Донишгоҳ ______ Насриддинзода Э.С.

# БАРНОМАИ
# РУШДИ ФАКУЛТЕТИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2025-2029

ДУШАНБЕ – 2025

# 1. ТАВСИФИ МУХТАСАРИ ФАКУЛТЕТИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

1. Факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун воҳиди сохтории донишгоҳ яке аз марказҳои пешбари омода намудани мутахассисони баландихтисос ва кадрҳои лаёқатманди таълимию илмии бахшҳои мухталифи иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар ин самт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми пешсаф ва арзандаро соҳиб аст.

2. Аз аввали ташаккулёбӣ то имрӯз факултет марҳилаҳои зиёди такомулёбиро тай намуда, ба сохтори таълимию илмии дорои потенсиали калон мубаддал гардидааст. Саҳми беназири ҳайати профессорону устодони факултет дар самти тарбияи мутахассисони баландихтисоси варзидаи баҳисобгирии муҳосибӣ, аудит, кибернетикаи иқтисодӣ, омор, системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, иктисоди ракамӣ ва дар маҷмуъ дар тарбия ва такомули мутахассисони бахшҳои иқтисодӣ ва дар анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон беандоза буда, самараи хуб додааст.

3. Донишҷӯёни ин боргоҳи илму маърифат бо дарки баланди ҳисси меҳанпарастӣ, масъулиятшиносӣ, эҳсоси беандозаи посдории хотироти аҷдодону мустақилияти Ватани азизиу маҳбубамон тадрис намуда, Донишгоҳро бо сари баланд хатм менамоянд ва дар бахшҳои мухталифи соҳаҳои хоҷагидории халқ, аз ҷумла вазорату корхонаҳои давлативу хусусӣ кору фаъолият намуда истодаанд.

4. Дар даврони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба марҳилаи сифатан нав ворид шуда, аз лиҳози потенсиали илмӣ-таълимӣ пурқувват гардидааст ва дар самти омодасозии мутахассисони баландихтисос саҳми арзанда гузошт. Устодону кормандони факултет аз сиёсати хирадмандонаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон илҳом гирифта, дастуру ҳидоятҳояшонро сармашқи кори худ қарор додаанд ва дар тарбия ва ташаккул додани маҳорату малакаи мутахассисон, рушд кардани иқтисодиёти миллӣ, суботи ҷомеа, баланд бардоштани ҳуввияти миллии ҷавонон ба дастовардҳои беназир ноил гардида, барои баланд гардидани маҳорати касбии мутахассисони соҳаи иқтисодиёт саҳмгузор мебошанд. Айни ҳол, мутахассисони баландихтисоси бахшҳои иқтисодӣ аз ҷумлаи таҳсилгирифтагони ин

даргоҳи илму маърифат дар самтҳои ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, рушди низоми баҳисобгирию аудит, моделсозии равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, татбиқи рақамикунонӣ дар бахшҳои иқтисодӣ, рушди низомҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт, ташаккули дурусти маълумоти оморӣ ва пешниҳод кардани онҳо, инчунин баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бахшҳои иқтисодӣ, таҳия ва қабули барномаҳову консепсияҳои соҳавӣ, баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба сиёсати давлатӣ кору фаъолияти пурсамар карда истода, ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидаанд.

6. Айни замон имкониятҳои зеҳнӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ, пойгоҳҳои моддӣ-техникӣ ва таълимию методии факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон боз ҳам тақвият ёфта, аз лиҳози омодасозии мутахассисони иқтисодчӣ дар байни муассисаҳои таълимии кишвар мақоми пешсафро касб намудааст.

7. Шумораи умумии омӯзгорони факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ 56 нафарро ташкил медиҳад. Аз ин шумора 9 нафар доктори илми иқтисодӣ, профессор; 1 нафар академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон; 41 нафар номзади илм (аз онҳо 32 нафарашон номзади илмҳои иқтисодӣ, 1 нафар доктор PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси иқтисодӣ, 2 нафар номзади илмҳои физика ва математика), 8 нафар муаллими калон ва 5 нафарро ассистент ташкил медиҳад. Шумораи умумии занон дар факултет 15 нафарро ташкил дода, аз ин шумора 3 нафар доктори илм, 8 нафар номзади илм, 1 нафар доктор PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси иқтисодӣ мебошанд.

8. Дар факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ раванди таълим бо дарназардошти тамоми зинаҳои таҳсилот дар ихтисосҳои марбута ба таври зайл ба роҳ монда шудааст:

**Бакалавриат:**

| | |
|---|---|
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 1-25-01-08-00 |
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо | 1-25-01-08-01 |
| Аудит ва ревизия | 1-25-01-11-00 |
| Кибернетикаи иқтисодӣ | 1-31-03-06-01 |
| Иқтисоди рақамӣ | 1-25-01-10-26 |
| Омор | 1-25-01-05-00 |
| Системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт | 1-40-01-02-02 |

**Бакалавриат –идомаи таҳсилот:**

| | |
|---|---|
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 1-25-01-08-00 |
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо | 1-25-01-08-01 |
| Аудит ва ревизия | 1-25-01-11-00 |
| Кибернетикаи иқтисодӣ | 1-31-03-06-01 |
| Иқтисоди рақамӣ | 1-25-01-10-26 |
| Омор | 1-25-01-05-00 |
| Технология ва низоми иттилоот (дар иқтисодиёт) | 1-40-01-02-02 |

**Магистратура:**

| | |
|---|---|
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 1-25-01-08-10 |
| Аудит ва ревизия | 1-25-01-11-10 |
| Кибернетикаи иқтисодӣ | 1-31-03-06-11 |
| Омор | 1-25-01-05-10 |
| Технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт | 1-40-01-02-02 |

**Доктор PhD, доктор аз рӯйи ихтисос**

| | |
|---|---|
| Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит | 6D05080100 |
| Системаҳои иттилоотӣ (аз рӯйи соҳаҳо) | 6D070300 |
| Усулҳои математикӣ дар иқтисодиёт | 6D080500 (02) |

**Таҳсилоти фосилавӣ:**

| | |
|---|---|
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 1-25-01-08-00 |
| Технология ва низоми иттилоот (дар иқтисодиёт) | 1-40-01-02-02 |

**Таҳсилоти дуюми олӣ:**

| | |
|---|---|
| Баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит | 1-25-01-08-00 |
| Технология ва низоми иттилоот (дар иқтисодиёт) | 1-40-01-02-02 |

9. Мувофиқи маълумотҳои расмӣ то 01.01.2025 дар факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳ 37 гурӯҳи академӣ дар шуъбаи рӯзона, 9 гурӯҳи академӣ дар шакли таҳсилоти фосилавӣ ва 2

гурӯҳ дар зинаи магистратура таҳсил менамоянд. Теъдоди донишҷӯёни шуъбаи рӯзона 712 нафар, шакли таҳсили фосилавӣ 350 нафар, магистрантон 17 нафар, дар риштаи доктор PhD, доктор аз рӯйи ихтисос 15 нафарро ташкил медиҳанд.

10. Дар сохтори факултет 5 кафедраи тахассусӣ амал мекунанд.

## СОХТОРИ ТАРКИБИИ ФАКУЛТЕТ



11. Дар факултет кафедраҳои зерин фаъолият доранд:

1. Кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ
2. Кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит
3. Кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ
4. Кафедраи омор
5. Кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт

12. Дар заминаи кафедраҳои факултет аз рӯйи ихтисосҳои зерин мутахассисон омода карда мешаванд:

**1. Кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ**

Аз рӯйи 2 ихтисос – ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит (рӯзона, шакли таҳсили фосилавӣ, маълумоти 2-юми олӣ), ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дар бонкҳо (рӯзона);

**2. Кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва аудит**

Аз рӯйи 1 ихтисос – ихтисоси аудит ва ревизия (рӯзона);

**3. Кафедраи кибернетика ва иқтисоди рақамӣ**

Аз рӯйи 2 ихтисос - ихтисоси кибернетикаи иқтисодӣ (рӯзона), ихтисоси иқтисоди рақамӣ (рӯзона);

**4. Кафедраи омор**

Аз рӯйи як ихтисос –ихтисоси омор (рӯзона);

**5. Кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт**

Аз рӯйи як ихтисос – ихтисоси технология ва низоми иттилоот дар иқтисодиёт (рӯзона ва шакли таҳсили фосилавӣ).

## 2. ДУРНАМО, ҲАДАФ, МАҚСАД ВА МАСЪАЛАҲОИ ФАКУЛТЕТИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМИИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

13. Барномаи рушди факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (22.07.2013, №1004), «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» (18.03.2015, №1197), «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ» (19.05.2009, №531), «Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат» (01.08.2012, №895), «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (02.08.2011, №762), инчунин Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегия миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегия миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030,

Барномаи омода намудани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Стратегияи рушди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи соҳаи маориф ва таҳсилоти олии касбӣ таҳия карда шудааст.

14. **Дурнамои** факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ – рушди устувор ва мутаносиби факултет ҳамчун воҳиди сохтории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, гузаронидани тадқиқотҳои гуногуни илмии амалӣ ва корҳои бунёдиву ташхисии устодони баландихтисос ва омодасозии мутахассисони амалкунандаи бахшҳои муҳосибот, кибернетика, аудит, иқтисоди рақамӣ, омор ва низомҳои итиллоотӣ дар иқтисодиёт дар шароитҳои татбиқшавии иқтисодиёти рақамӣ ва фановариҳо мебошад.

15. **Ҳадафи факултет** ҳамчун сохтори пешсафи омодакунии мутахассисони баландихтисоси бахшҳои иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, бо истифода аз усулҳои муосири ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва технологияҳои ҷадидтарини таълимӣ, омода сохтани мутахассисони варзидаи бахшҳои муҳосибот, таҳлигари иқтисодӣ, аудитор, оморшинос, кибернетик ва мутахассиси иқтисоди рақамию технология ва низомҳои иттилоотии муосир мебошад. Илова бар ин, ба аҳдофи илмиву амалии устодони факултет интишор ва истифодаи донишҳои муосири бунёдӣ ва амалии иқтисодӣ ва идоракунӣ барои рушди нерӯи инсонӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии ҷомеаи донишманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода мёбад.

16. Дарназардошти ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташудаи факултет дар алоқамандӣ бо ҷалби мутахассисони варзидаи ҷумҳурӣ, ки дорои нуфузу эътибори зеҳнияти касбӣ мебошанд, амалӣ гардида, барои ба мақсади гузошташуда ноил гардидан мақсадҳои зерин ба роҳ монда мешаванд:

- рушди илмҳои фундаменталии иқтисодӣ ба роҳ монда шуда, ҷустуҷӯи соҳаҳои нави илмие, ки ба талаботҳои бозори ҷаҳонии дар раванди рақамикунонӣ ва фановариҳо ҷавобгӯ мебошад, ба роҳ монда мешавад ва ба қисми таркибии фаолияти илмиву таълимии факултет табдил дода мешавад;
- рушд додан ва ҳамзамон пойдор кунонидани мавқеъ ва нуфузи факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамӣ ба ҳайси маркази асосӣ ва пешоҳанги омодасозии кадрҳои баландихтисоси соҳаҳои муҳосибот,

аудит, ревизия, омор, кибернетикаи иқтисодӣ ва иқтисодӣ рақамиву низомҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- вусъат ва рушд додан ба корҳои илмиву таълимӣ дар асоси татбиқшавии иқтисоди рақамӣ ва фановариҳо;

- ташаккули низоми самараноки фаъолият дар бахшҳои таълиму тарбия ва илмомӯзии донишҷӯёну магистрантон ва докторантони PhD;

- рушд додан ва мукаммал гардонидани потенсиали зеҳнии устодони факултет ва муҳакиқони он дар коркард ва ташаккули масоили афзалиятноку мубрами илмӣ;

- рушд додан ва такомул додани натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии олимону муҳаққиқон;

- рушд додани татбиқи натиҷаҳои илмиии коркардҳои илмиву таълимӣ ва татбиқ намудани онҳо дар ҷараёни истеҳсолот;

- омодасозӣ ва пешниҳод намудани барномаҳои таълимии шакли нави таҳсилот, ки фарогири унсурҳои татбиқшавии иқтисоди рақамӣ ва фановариҳо дар ҷараёни таълим мебошанд;

- татбиқ ва коркарди механизмҳои таклифу пешниҳодҳои илмии бахшҳои муҳосибот, моделсозӣ ва татбиқи унсурҳои рақамиву фановарӣ дар истеҳсолот, самти рушди ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва иқтисодии кишвар;

- рушд додани базаи моддӣ-техникӣ таълимӣ-методӣ ва илмӣ-таҳқиқотӣ бо мақсади таъмини ҳалли вазифаҳои афзалиятноки факултет, мувофиқ намудани он бо талаботҳои замони муосир.

17. Барои амалан татбиқ намудани ҳадафҳо ва мақсади вогузошташуда, ҳалли масъалаҳои зерин дар назар аст:

**Масъалаҳо**

| МАСЪАЛА | ТАФСИЛОТ |
|---|---|
| **1. Соҳаи таълимӣ:**<br>Таҳия ва татбиқи барномаҳои таълимии нав бо унсурҳои иқтисоди рақамӣ<br>Эҷоди курсҳои интердиссиплинарӣ (иқтисод + технологияҳои рақамӣ)<br>Ташкили озмоишгоҳҳои иқтисоди рақамӣ ва кибернетикаи иқтисодӣ | **1. Рушди мундариҷаи таълимӣ ва барномаҳо**<br>Таҳияи стандартҳои нави таълимӣ барои ихтисосҳои "Иқтисоди рақамӣ", "Кибернетикаи иқтисодӣ", "Муҳосиботи байналмилалӣ", “Муҳосибот дар бонкҳо”, “Таҳлил ва аудит”, "Омор", "низомҳои иттилоотии муосир"<br>Эҷоди курсҳои электронӣ (e-learning) бо истифодаи AI ва VR технологияҳо<br>Ташкили системаи micro-credentials барои малакаҳои муайян<br>Таъсиси озмоишгоҳи "Иқтисоди рақамӣ" бо нармафзорҳои муосир |

| | |
|---|---|
| | Таҳияи дастурҳои таълимӣ бо ҳамкории ширкатҳои пешрафта |
| **2. Соҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ:**<br>Таъсиси марказҳои таҳқиқотии иқтисоди рақамӣ<br>Таҳияи лоиҳаҳои илмӣ барои ҳалли масъалаҳои иқтисодии кишвар<br>Ташаккули дастаҳои илмии байналмилалӣ | **2. Таҳким ва рушди ҳамкории байналмилалӣ**<br>Барқарор намудани ҳамкории тӯлонӣ бо 5-10 донишгоҳи пешрафтаи хориҷӣ<br>Ташкили барномаҳои мубодилаи донишҷӯён ва устодон<br>Хондани лексияҳо ва бурдани дарсҳои амалӣ аз ҷониби мутахассисони хориҷӣ<br>Иштирок дар лоиҳаҳои грантии байналмилалӣ<br>Ташкили конфронси солонаи байналмилалӣ дар бораи иқтисоди рақамӣ<br>Таҳия ва интишори маводди таълимӣ ва илмӣ бо забонҳои хориҷӣ |
| **3. Соҳаи кадрҳо:**<br>Барномаҳои такмили ихтисос барои устодон<br>Ҷалби мутахассисони байналмилалӣ<br>Ташкили коромӯзиҳо (стажировкаҳо) барои донишҷӯён дар ширкатҳои пешрафта | **3. Рушди фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ**<br>Таъсиси маркази таҳқиқотии "Иқтисоди рақамӣ ва технологияҳои нав"<br>Таҳияи лоиҳаҳои илмӣ барои Вазорати рушди иқтисод, Бонки миллии Тоҷикистон<br>Ташкили дастаҳои илмии байнидиссиплинарӣ (иқтисоддонон, барномасозон, таҳлилгарон)<br>Таҳияи мақолаҳо барои маҷаллаҳои байналмилалии илмӣ<br>Ташкили журнали илмии факултет |
| **4. Соҳаи моддӣ-техникӣ:**<br>Таҷдиди назар кардани таҷҳизоти таълимӣ<br>Таъсиси заминаҳои технологии муосир<br>Таъсиси китобхонаи электронӣ ва базаҳои маълумот | **4. Ташаккули низоми самараноки тарбияи донишҷӯён**<br>Таъсиси клуби илмии донишҷӯён "Иқтисоддонони оянда"<br>Ташкили олимпиадаҳо ва мусобиқаҳои илмӣ<br>Баргузории семинарҳои амалӣ бо иштироки коршиносони соҳа<br>Таъсиси бонки лоиҳаҳои амалии донишҷӯён.<br>Рушди моддӣ-техникии факултет<br>Ташкил ва таъсису навсозии озмоишгоҳи таълимӣ<br>Таъмини дастрасии интернети суръатбаланд<br>Эҷоди китобхонаи электронӣ бо дастрасӣ ба маълумотҳои илмӣ<br>Таъмини технологияҳои муосир барои таҳлили иқтисодӣ<br>Таъсиси системаи видеоконфронс барои дарсҳои онлайн |
| **5. Соҳаи ҳамкории байналмилалӣ:** | **5. Такмили ихтисоси устодон** |

| | |
|---|---|
| Барқарор кардани алоқаҳо бо донишгоҳҳои хориҷӣ<br>Иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалии илмӣ<br>Ташкили конфронсҳо ва семинарҳои байналмилалӣ | Ташкили курси солонаи такмили ихтисос дар кишварҳои хориҷӣ<br>Баргузории семинарҳои дастрас бо мутахассисони байналмилалӣ<br>Ташкили системаи пурраҳмии таҳқиқоти илмӣ барои устодон<br>Дастгирии таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ<br>Ташкили клуби методологии устодон |
| **6. Пайвастшавии таълим, илм ва истеҳсолот**<br>Таъсиси Шурои ҳамкорӣ бо ширкатҳои пешрафта<br>Ташкили корромӯзиҳо (стажировкаҳо)-и амалӣ барои донишҷӯён<br>Эҷоди маркази лоиҳаҳои амалӣ (project-based learning)<br>Таҳияи пешниҳодҳо барои татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот<br>Баргузории форуми солонаи "Таълим ва бозор" | **6. Ташкили низоми ҳамкории бо ширкатҳо**<br>Эҷоди Шурои ҳамкории бо ширкатҳои пешрафта (бонкҳо, ширкатҳои IT, корхонаҳои калон)<br>Таъсиси Клуби шарикони саноатӣ (Industry Partners Club)<br>Таҳияи шартномаҳои ҳамкории дахлдори бо 10-15 ширкати пешрафта<br>Таҳияи лоиҳаҳои тадқиқотии муштарак бо ширкатҳо<br>Ташкили дастаҳои муштараки донишҷӯён-коршиносон<br>Баргузории мусобиқаҳои лоиҳавии "Ҳалли масъалаҳои иқтисодии воқеӣ" |

## 3. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВИИ БАРНОМАИ РУШДИ ФАКУЛТЕТИ БАҲИСОБГИРӢ ВА ИҚТИСОДИ РАҚАМИИ ДМТ БАРОИ СОЛҲОИ 2025-2029

18. Дар назар дошта мешавад, ки факултети баҳисобгирӣ ва иқтисоди рақамии ДМТ ба маркази пешқадами миллии таҳқиқоти таълимӣ-илмӣ табдил меёбад, ки дар соҳаи иқтисоди рақамӣ, муҳосибот, аудит, омор, кибернетикаи иқтисодӣ ва низомҳои иттилоотии иқтисодӣ дар Тоҷикистон сазовори эътибор мегардад.

19. **Мақсади стратегӣ:**

1. Ташкили ихтисоси нави алоқаманд бо соҳаи иқтисоди рақамӣ ва фановарӣ.

2. Таъсиси Маркази иқтисоди рақамӣ бо озмоишгоҳҳои муосир барои таҳқиқот ва таълим.

3. Ҷалби мутахассисони байналмилалӣ барои гузаштани дарсҳои лексионию амалӣ (дарсдиҳӣ).

4. Таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ бо истифодаи технологияҳои нав.

5. Ташкили шабакаи ширкати шарик барои коромӯзӣ (стажировка) ва лоиҳаҳои муштарак.

**20. МАРҲИЛАҲОИ АСОСӢ**

*Марҳалаи 1 (2025-2026): Оғози асосӣ*

- Таҳияи стандартҳои таълимӣ барои ихтисосҳои нав
- Навсозӣ кардани озмоишгоҳҳои таълимӣ
- Бастани шартномаҳо бо ширкатҳои шарик
- *Марҳалаи 2 (2026-2027): Вусъатдиҳӣ*
- Эҷоди Маркази иқтисоди рақамӣ
- Оғози барномаҳои мубодилаи байналмилалӣ
- Таҳияи китоби дарсии нав
- *Марҳалаи 3 (2028-2029): Пурқувватсозӣ*
- Арзёбии натиҷаҳо ва такмили барнома
- Эътирофи байналмилалӣ ва аккредитатсия
- Ташкили Ассотсиатсияи хатмукунандгони факултет

21.**СОҲАҲОИ АФЗАЛИЯТНОК**

*1. Таълими сифатнок*

- Татбиқи технологияҳои нави таълимӣ (AI, VR, e-learning)
- Эҷоди системаи micro-credentials
- Ташкили курси MBA барои иқтисоди рақамӣ

*2. Таҳқиқоти илмӣ*

- Таъсиси марказҳои таҳқиқотӣ:
- Маркази иқтисоди рақамӣ
- Маркази баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудити байналмилалӣ
- Маркази кибернетикаи иқтисодӣ
- Таҳияи мақолаҳо дар маҷаллаҳои байналмилалӣ
- Иштирок дар лоиҳаҳои грантии байналмилалӣ

*3. Рушди кадрҳо*

- Барномаи такмили ихтисос барои устодон дар хориҷа
- Ҷалби мутахассисони хориҷӣ барои дарсдиҳӣ
- Дастгирии таҳқиқоти илмии олимон

*4. Ҳамкории байналмилалӣ*

- Шартномаҳои ҳамкорӣ бо 10 донишгоҳи хориҷӣ
- Баргузории конфронси байналмилалӣ дар бораи иқтисоди рақамӣ
- Иштирок дар барномаҳои ERASMUS+ ва дигар барномаҳо

### 22. ҶАРАЁНИ ТАТБИҚШАВӢ

*Соли 2025:*

- Таҳияи нақшаи амалӣ
- Ҷалби манбаъҳои молиявӣ (биржаҳо, буҷа)
- Оғози корҳои навсозӣ

*Солҳои 2026-2027:*

- Татбиқи барномаҳои нав
- Эҷоди сохторҳои нав
- Пайвасти васеъ бо бозор

*Соли 2028-2029:*

- Арзёбии натиҷаҳо
- Такмили барнома
- Омодагӣ ба марҳалаи нав

### 23. МЕЪЁРҲО

*Меъёрҳои сифатӣ:*

- Эътирофи байналмилалӣ (аккредитатсия)
- Ҷойгиршавии хатмкунандагон (95% дар соли 2029)
- Рейтинги донишгоҳӣ (ворид шудан ба 100-и аввали Осиё)

*Меъёрҳои миқдорӣ:*

- Зиёд намудани шумораи донишҷӯён
- Зиёд намудани шумораи устодон
- Зиёд намудани шумораи лоиҳаҳо
- Зиёд намудани шумораи таълифотҳои илмӣ

### 24. НАЗОРАТ

- Шурои олимон ва мутахассисони соҳа
- Раёсати Донишгоҳ
- Садорати факултет, эдвайзерони декан, мудирони кафедраҳо зориш пешниҳод менамоянд.

## 4. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

25. Барномаи рушди факултет дар асоси зарурат ба навсозии соҳаи таълим ва илми иқтисодӣ дар шароитҳои иқтисоди рақамӣ ва ҷорӣ гардидани фановариҳо тартиб дода шудааст. Вазъияти кунунии ҷаҳонишавӣ, тараққиёти бемайлони технологияҳо ва рақамикунонии иқтисодиёт талаб мекунанд, ки факултет ба маркази пуриқтидор барои

тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир табдил ёбад. Барномаи рушди факултет нақшаи амалии стратегиест, ки барои табдил додани факултет ба маркази пешсафи илму таълим дар бахши татбиқи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидан мусоидат хоҳад кард.

26. Татбиқи муваффақонаи ин барнома на танҳо ба рушди факултет дар ҳавзаи таълимӣ ва илмӣ, балки ба тараққиёти умумии иқтисодиёт ва илми кишвар низ саҳми назаррас мегузорад. Барнома ба тайёр намудани мутахассисони баландихтисос нигаронида шудааст, ки қодиранд ба рушди соҳаҳои муҳими молиявӣ, муҳосибот, бонкдорӣ, моделсозӣ, оморшиносӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва дигар бахшҳои иқтисодиёти кишвар кумаки арзанда намоянд.

27. Барои татбиқ намудани ин барнома амлигардонии дақиқи марҳилаҳои гуногун, сармоягузории кофӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи давлатӣ ва Раёсати Донишгоҳ зарур аст. Дастгирии мақомоти иҷроия ва қонунгузор, инчунин ҳамкории зич бо ширкатҳо ва ташкилотҳои саноатӣ аз шароити муҳим барои иҷрои он ба шумор меравад.

28. Бо татбиқи муваффақонаи ин барнома, факултет метавонад дар давоми 5 сол ба яке аз сохторҳои пешқадами таълимӣ-илмии аввалиндараҷа дар кишвар табдил ёбад, ки барои ҷомеаи тоҷик хизмат мерасонад.